# НАВРӮЗ ПАДИДАЕСТ, КИ АЗ ҶОНИБИ ХУДИ ТАБИАТ БАРОИ АҲЛИ САЙЁРАИ ЗАМИН ТАҚДИМ ШУДААСТ

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**


ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

16 марти соли 2021

№ 5-6 (136)


**Мақоми байналмилалиро касб кардани Наврӯз имкон фароҳам овард, ки мардуми олам аз фалсафаи эҳёгариву созандагӣ ва башардӯстонаи ин ҷашни бисёр қадима ҳарчи бештар огоҳ гарданд, зеро Наврӯз танҳо марбут ба қаламрави зуҳури он набуда, суннату анъанаҳои неки он метавонанд ҳамчун василаи ҳамзистии осоиштаи тамоми инсоният хизмат намоянд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## ИҚТИБОСҲО АЗ СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ - ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ВАСФИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Кишвари мо – Тоҷикистон сарзамини хуршедӣ ва як гӯшаи биҳишти рӯи замин аст, ки бо қадами муборaки Наврӯз табиат ба гулистон табдил ёфта, бо ҷомаи сабзи худ ба мо зиндагии хуш ва нуру сафоро ҳадя меорад.

****

Далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст. Зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз мекунад ва бо умеду нияти бадастовардани ҳосили фаровон ба замин дона кишт мекунад.

****

Наврӯзи бостонӣ сароғози таърихи пурғановати мо буда, ҳамчун суннати пурарзиш ба фарҳангу тамаддуни миллӣ ва тору пуди зиндагии на танҳо мардуми тоҷику форс, балки кулли халқҳои минтақаҳои Осиёи Марказӣ ва берун аз он омезиш ёфтааст.

****

Наврӯз воқеан ҳам зиндатарин ҷашне дар рӯи замин аст, ки бидуни хоҳиши ягон халқу миллати ҷаҳон ҳар соле як маротиба худ фаро мерасад. Он ҷашни сабзиш ва офариниши ҷаҳон – воқеан ҳам омадани соли нав аст.

****

Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму ойин, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст.

****

Боиси ифтихор ва сарфарозии мардуми мост, ки Наврӯз ҳамчун иди баҳор, эҳёи табиат ва фарорасии соли нав ба таърихи бисёр халқу миллатҳои ҷаҳон ворид гашта, ҳаёти онҳоро рангу тароват тоза бахшидааст.

****

Наврӯз барои миллати тоҷик китоби сарнавишт буда, ниёгони мо ҳатто дар давраҳои мушкилтарини таърихӣ ин ҷашни муқаддас ва хуҷастаи худро ҳимоят мекарданд ва бо Наврӯз дубора зинда мешуданд.

****

Наврӯз, ки ҷашни ҷаҳонӣ шудааст, бигзор ҳар сол инсонҳоро ба ҳамдигар наздиктар ва аз сарвати дӯстию бародарӣ баҳравар намояд.



## ТАМАННИЁТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲ АМОНЗОДА ИЛҲОМ ТЕМУР БА МУНОСИБАТИ ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**ОМӮЗГОРОН ВА ДОНИШҶӮЁНИ ГИРОМӢ!**

Ба шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва ҷаҳду талошҳои Президенти мамлакат, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷашнҳои миллиамон – Наврӯз, Меҳргон ва Сада, ки аз замонҳои қадим дар ватани азалии худ бо ҳамон ҷанбаи табиии хеш таҷлил карда мешуданд, мақоми расмӣ касб намуда, бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешаванд.

Бо дарназардошти он ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар арафаи таҷлили яке аз ин ҷашнҳои миллиамон – Наврӯзи хуҷастапай қарор доранд, ҳамаи Шумо ҳамкасбону донишҷӯёни азизро ба ин муносибат самимона шодбош гуфта, ба ҳар кадоматон саломатӣ



файзу баракат ва саодати рӯзгорро таманно дорам.

Ҷашни Наврӯз, ки чандин сол боз дар сатҳи байналмилалӣ таҷлил карда мешавад, дар миёни идҳои халқҳои ҷаҳон ягона ҷашнест, ки на дар робита ба омилҳои зеҳнӣ, балки дар заминаи омилҳои айнӣ ба вуҷуд омадааст.

Яъне Наврӯз ҷашни воқеиест, ки бо эҳёи табиату эътидоли шабу рӯз, шукуфтани гулҳову чакомаи булбулҳо, гулрези баҳорону садои обшорон шурӯъ шуда, оламѝ ҷамодоту набототу ва умуман, кулли мавҷудотро ба ҳаракату ҷунбиш ва таҳаввулу такомул водор мекунад.

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз,** Наврӯз на танҳо сари соли миллӣ, оғози кори марди деҳқон, балки шурӯъ гардидани ҳама гуна ташаббусҳои созанда ба хотири боз ҳам ободу пешрафта гардонидани сарзамини аҷдодӣ, тозаву озода намудани манзили зист, сарсабзу гулпӯш кардани хиёбону майдонҳо дар тамоми қаламрави кишвар, аз ҷумла пойтахти он мебошад.

Бо итминони комил гуфта метавонам, ки Шумо омӯзгорон ва донишҷӯёни арҷманд дар баробари вазифаҳои ба ӯҳдадоштаатон, ки хеле масъулиятноканд, анъанаҳои неки созандагию бунёдкориро идома дода, дар тозаю озода нигоҳ доштани ҳудуди донишгоҳ, шинонидани гулу гулбуттаҳо, хуллас сабзу хуррамгардонӣ, ки дар саросари мамлакат ба истиқболи ҷашни 30 – солагии кишвари маҳбубамон идома дорад, нақши дастони хешро гузошта, ин ҷашнро бо дастовезҳои арзанда истиқбол мегиред.

Бо ҳамин орзуву ниятҳои нек бори дигар ҷашни Наврӯзи байналмилалиро бароятон муборакбод мегӯям.

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ

Наврӯз аз ҷашнҳои зеботарин ва бостонитарини мардуми тоҷик аст, ки ниёкони мо бо хираду заковати азалии хеш ин падидаи зебои табиатро бо беҳтарин расму ойин, маросиму суннатҳои наҷиб ороста, онро ба як фарҳанги умумибашарӣ табдил додаанд.

Наврӯз ҳамеша баёнгари наҷибтарин орзуву омол, ормону умедҳои башар буда, некиву накӯкорӣ, покиву озодагӣ, тарабу шодӣ, осудагиву ободиро талқин менамояд, мардумро ба созандагиву бунёдкорӣ даъват мекунад. Дар ин ҷашн таҷаллии пиндори нек, гуфтори нек, рафтори нек, ки мароми ахлоқии мардуми эронинажод аст, хувайдост. Наврӯз ҳамчунин пайвандгари дӯстиву бародарӣ, нерӯбахши сулху оштист, зудояндаи занги кинаҳову озурдагихост.

Ин ҷашни фархунда аз ибтидо ҷанбаи умумибашарӣ дошта, орзуву мароми инсон ва робитаи ӯро бо табиат бозтоб менамояд. Аз ин ҷост, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони кишварҳои форсизабон ва сойири кишварҳои Шарқ барои ҷаҳонӣ шудани Наврӯз саъю кӯшиши зиёд ба харҷ додаанд. Дар натиҷа 23- юми феврали соли 2010 дар 64-умин Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттахид Наврӯз ҷашни байналмилалӣ эълон гардид. Дар қатъномаи он таъкид шудааст, ки "Наврӯз ба гуфтугӯи миёни фарҳангҳо ва ҳамдигарфаҳмии мардумони сайёра мусоидат мекунад".

Фарҳанги ғаниву волои Наврӯз саросар аз рамзҳо иборат аст. Ҳар унсуру падидаи он ишорае ба як ҷанбаи ҳаёти инсон буда, ӯро ба табиат наздиктар ва дилбастагиашро ба зиндагӣ бештар месозад. Аз ҷумла, сафедӣ дар фарҳанги Наврӯз рамзи покиву озодагӣ ва сафову осудагист. Ҳар унсури ҳафтсину ҳафтшини дастархони наврӯзӣ дорои рамзхоест, ки дар шарҳашон метавон рисолаҳо таълиф намуд. Худи рақами ҳафт дар фарҳанги ориёӣ як ҷаҳон маънӣ дорад, ки ҳафт авранг, ҳафт додарон, ҳафт иқлим, ҳафт ранги камони Рустам, ҳафт хони Рустам ва ғайра далели онанд.



Рамзу розҳои наврӯзӣ дар осори шифоҳии мардум ба таври соддаву фасеҳ баён шудаанд. Мардум дар остонаи Наврӯз ба умеди фаровонии ҳосилу сарсабзии рӯзгор гандум сабзонида, аз афшураи он суманак мепазанд. Дар фарҳанги Наврӯз меҳнат ҷойгоҳи хос дорад, зеро неъматҳои моддиву маънавӣ маҳз тавассути он ба даст меоянд. Бахшидани ҳадяҳои наврӯзӣ ба якдигар дар ин айём хеле рамзомез аст, ки аз давраи бостон шурӯъ шуда, то имрӯз идома дорад.

Соли навро мардумони кишварҳои гуногуни олам дар замонҳои гуногун ва тарзу равишҳои мухталиф ҷашн мегиранд ва аксаран такя ба ривоёту пиндорҳои асотирӣ доранд. Вале Наврӯз бунёди илмӣ дошта, ба баробарии шабу рӯз ва эҳёву бедории табиат асос ёфтааст. Ба ин ҷанбаи илмии Наврӯз низ дар таронаҳои мардум ишора шудааст:

**Бародар, рӯзи Наврӯзат муборак!**
**Баробар шуд шабу рӯзат муборак!**

Наврӯз, дарвоқеъ таҷассумгари паҳлуҳои гуногуни фарҳанги моддиву маънавии мардум аст. Аз ин рӯ, ситоиши Наврӯзу баҳор ва тасвири табиат дар осори адибони форсигӯ, сар карда аз Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то шоирони муосир васфи Наврӯзу таърихи пайдоиш ва ҷашнгирии он хеле ҷолиб бозтоб гардидааст. Бояд гуфт, ки бо шарофати Истиқлолияти давлатии кишварамон фазилатҳои фарҳанги Наврӯз эҳё гардида, такмил ёфта истодаанд ва он бо шукӯҳу тароватӣ тоза ҷашн гирифта мешавад. Яъне маҳз истиқлолият имкон дод, ки Тоҷикистон аз нав ватани Наврӯз гардад, ба қавли шоири ширинкалом Муҳаммад Ғоиб, ки фармудааст:

**Базми гул дар ҷамани Наврӯз аст,**
**Даври ғулғулфикани Наврӯз аст.**
**То ба гардун сухани Наврӯз аст,**
**Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.**

**Зебуннисо ҲАМРОҚУЛОВА,**
**омӯзгори кафедраи забони тоҷикии ДТТ**

**«Наврӯз баёнгари тафаккури таърихӣ, симои маънавӣ, сиришти ахлоқӣ, орзую ормон, расму оин, ҷаҳонбиниию ҷаҳоншиносии миллатамон буда, дар тӯли мавҷудияташ арзишҳои фарҳангию миллии моро дар таркиби худ ҳифз кардааст».**
**Эмомалӣ Раҳмон**

# ҶАШНИ НАВРӮЗ АЗ НИГОҲИ МУТАФАККИРОНИ ТОҶИКУ ФОРС



Иди Наврӯз яке аз ҷашнҳои бостонӣ ва қадимтарини қавмҳои Ориёӣ, алалхусус, мардуми форсизабон ба ҳисоб рафта, иду маросим ва расму оинҳо ҷузъи муҳимми фарҳанги ҳар кадом миллатро ташкил медиҳанд. Иди Наврӯз таърихи ҷандинҳазорсола дошта, шиносномаи қадимӣ будани халқу миллатҳои форсизабон ба ҳисоб рафта, ба ҷаҳонбинии асотирию динӣ ва фалсафию ахлоқии онҳо иртиботи бевосита дорад. Агар ба мазмуну мундариҷаи ҷашну маросимҳои қадима назар афканем, мебинем, ки нақши ҳар кадоми онҳо дар фаъолияту зиндагии мардумон ва ба кадом андоза аз ҷониби бегонагон эътироф гардидани онҳо аз ҷигунагии сатҳи тафаккуру ҷаҳонбинӣ ва зеҳнияти онҳо, яъне ҳар яке аз халқҳо шаҳодат медиҳанд. Чунки тарзи тафаккуру зиндагӣ ва зеҳнияти онҳо қабл аз ҳама дар расму оин ва ҷашну маросимҳо, ки фарҳанги зиндаю воқеии онҳоянд, таҷассум мeёбанд. Таъсир ва инъикоси ин идҳо дар байни идҳои таърихӣ, миллӣ ва анъанавии мардуми Шарқ аз рӯи шуҳрат ва шукӯҳу шаҳомати худ мавқеи аввалинро ишғол менамоянд.

Иди Наврӯзро дар Тоҷикистон, Русия, Эрон, Афғонистон, Туркия, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Озарбойҷон, Мақдуния, Албания, Ирок, Сурия, Ҳинд, Покистон, Ӯзбекистон, Гурҷистон ва дигар давлатҳои Ховари Миёна бо шукӯҳу шаҳомати ба худ хос ҷашн мегиранд, ки ин аз таърихи гузаштаи миллатҳо дарак медиҳад.

Дар бораи Наврӯз дар маъхазҳои қадимаи «Авасто», алалхусус «Занд Авасто» гуфта шудааст, ки ба мабдаи мукаддас ба тавонотарини тавоноҳо Хурмузд баъди сеҳазорсола подшоҳиаш мабдаи ҷаҳолат ва торикӣ - Аҳриман бо лашкариёнаш ҳуҷум сар кард. Хурмузд барои несту нобуд сохтани Аҳриман равшаниро эҳдо намуд ва ба муқобили қувваҳои торику зулмонии Аҳриман равона намуд. Ҳамин рӯзи пайдоиши равшании аввалин гӯё «Наврӯз» мебошад. Ғайр аз Авасто мутафаккирони форсу тоҷик низ оид ба пайдоиши иди Наврӯз ақидаҳои худро баён намудаанд, ки дар онҳо ҷанбаҳои фалсафӣ ва ахлоқии он инъикос гардидаанд. Дар сарҷашмаҳои бостонии форсизабон роҷеъ ба таърихи пайдоиш ва моҳияти ҷашни Наврӯз маълумотҳои зиёде дода шудааст. Мардумони ориёитабор баъд қабули дини мубини ислом низ аз ин ҷашни бузург, ки муҳимтарин мероси фарҳангии ниёгонашон маҳсуб мешуд, даст накашиданд ва аз он ҳамеша ҳимоя ва риоя карданд. Гузашта аз ин, пажӯҳиш ва таълифи таърихи Наврӯз ба як мавзӯи муҳимми таҳқиқоти мутафаккирон ва муаррихони мусулмон табдил ёфт. Яъне мутафаккирони мусулмони форсу тоҷик ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Таърихномаи Табарӣ»-и Балъамӣ поягузори ҷашни Наврӯз яке аз шоҳони сулолаи устуравии Пешдодиён Ҷамшед мебошад, ки дар Авасто ва адабиёти авастоӣ бо номи Йима зикр шудааст.

Мутафаккир ва файласуф Абурайҳони Берунӣ сабаби "Наврӯз" номида шудани рӯзи аввали моҳи фарвардинро чунин шарҳ медиҳад: «Чун Ҷамшед барои худ тахт бисохт, дар ин рӯз ба он савор шуд ва ба ҷину шайтон ҳамла кард. Ва ба як рӯз аз кӯҳи Дамованд ба Бобул омад ва мардум бо дидани ин воқеа дар шигифт шуданд ва ин рӯзро ид гирифтанд».

Абӯрайҳони Берунӣ дар «Осор ул-боқия» доир ба пайдоиши ҷашни Наврӯз якчанд ривоятро зикр намудааст, ки мутобиқи мазмуни онҳо пайдоиши Наврӯз бо омилҳои динӣ ва устуравӣ вобаста будааст. Берунӣ дар «Осор ул-боқия» менависад: «Ва чанде аз ҳашвия мегӯянд, ки чун Сулаймон ибни Довуд ангуштарии хешро гум кард, салтанат аз дасти ӯ берун рафт. Вале пас аз чил рӯз бори дигар ангуштарии худро биёфт ва подшоҳию фармондеҳӣ бар ӯ баргашт ва муғон бар даври ӯ гирд омаданд. Эрониён гуфтанд: «Наврӯз омад!», яъне рӯзи тоза биёмад. Ва Сулаймон бодро амр кард, ки ӯро бардорад. Ва парастуе дар пеши рӯи ӯ пайдо шуд, ки мегуфт: «Эй подшоҳ, маро лонаест, ки чанд тухм дар он аст, аз онсӯтар рав, ки лонаи маро дарҳам нашиканӣ!». Пас Сулаймон роҳи худро каҷ кард. Ва чун аз тахти худ, ки бар бод ҳаракат мекард, фуруд омад, парасту бо минкори худ қадре об оварду ба рӯи Сулаймон пошид ва як рони малахро низ ҳадя овард. Ва аз ин ҷост, ки мардум дар Наврӯз бар якдигар об мепошанд ва пешкашҳо ба назди ҳам мефиристанд...». Тибқи ривояти дигари дар байни эрониҳо маъмул, ки онро Берунӣ нақл кардааст, «сабаби ин ки ин рӯзро Наврӯз меноманд, ин аст, ки дар айёми Таҳмурас собиа ошкор шуданд ва чун Ҷамшед ба подшоҳӣ расид, динро аз нав кард ва ин кори хеле бузург ба назар омад ва он рӯзро ки рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчӣ пеш аз ин ҳам Наврӯз бузургу муаззам буд».

Дар «Форснома»-и Ибни Балхӣ низ сабаби аз тарафи Ҷамшед ҷашн гирифтани Наврӯз шарҳ дода шудааст. Мувофиқи гуфтаи Балхӣ, Ҷамшед писари Виванҷаҳон, бародари Таҳмурас будааст. Аз рӯи ин ривоят Ҷамшед 717 сол умр дида, ба мардум ҳаргуна ҳунарҳоро меомӯзонидааст, шаҳре бо номи Истахр барпо намуда ва онро пойтахт қарор додааст. Пас аз ин рӯйдод мардум ӯро ба тахти зиҳ шинонида, ба сараш тоҷ мениҳанд. Ба ин муносибат ҷашне баргузор мегардад, ки онро «Наврӯз» меноманд.

Ба ақидаи Умари Хайём сабаби ном гузоштани Наврӯз он будааст, ки «мардум чун бидонистанд, офтобро ду давр бувад: яке он, ки ҳар сесаду шасту панҷ рӯзу рубъе аз шабонарӯз бо аввалин дақиқаи ҳамал боз ояд, ба ҳамон вақту рӯз, ки рафта бувад, бадин дақиқа натавонад омадан, чӣ ҳар сол аз муддате ҳаме кам шавад. Ҷамшед он рӯзро дарёфт, Наврӯз ном ниҳод ва ҷашн оин овард».

Дар баробари ин, Наврӯз, ба ғайр аз он маънихое, ки дар ривоятҳои мухталифи динӣ ва мазҳабӣ ба он дода шудаанд, инчунин, ифодагари оғози айёми баҳор ва эҳёи табиат низ мебошад ва маҳз бо ҳамин маънӣ дар назми классикии форсу тоҷик ба ҳайси як мавзӯи муҳимми эҷодӣ мақом ёфтааст. Бо ҳамин маънӣ Наврӯз ҳамчун як сарҷашмаи илҳом ба одамушшуаро Рӯдакӣ сар карда то шоирони муосири тоҷик, ҳамаро яксара мафтун ва масту махмури худ кардааст ва беҳтарину зеботарин сатрҳои шеъри ноби форсӣ-тоҷикӣ ба тараннуми он бахшида шудаанд. Барои тасдиқи ин андеша аз ашъори наврӯзии бархе нобиғаҳои шеъри классикии форсу тоҷик намунаҳо меорем.

Сардафтари шеъри классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ айёми зебои наврӯзӣ ва лаҳзаҳои нотакрори бедоршавии табиатро чунин тасвир мекунад:

**Омад баҳори хуррам бо**
**рангу бӯи тииб,**
**Бо садҳазор нағмаву**
**ороиши аҷиб.**
**Шояд ки марди пир бад-ин**
**гах шавад ҷавон,**
**Гетӣ ба дил ёфт шабоб**
**аз паи машиб.**

Шоири дигари классикии форсу тоҷик Унсурӣ, ки дар дарбори Ғазнавиён мезист, манзараи оғози баҳорро ба таври зер баён мекунад:

**Боди наврӯзӣ ҳаме дар**
**бӯстон буттгар шавад,**
**То зи сунъаш ҳар дарахте**
**лӯъбате дигар шавад.**
**Боғ ҳамчун кулбаи баззор**
**пурдебо шавад,**
**Роғ ҳамчун тублаи аттор**
**пуранбар шавад.**

Асосгузори анъанаи хамсасарой дар назми классикии форсу тоҷик Ҳаким Низомии Ганҷавӣ низ дар тасвири манзараҳои зебои айёми наврӯзӣ шеърҳои зиёде эҷод кардааст. Аз ҷумла:

**Ҷаҳон аз боди наврӯзӣ ҷавон шуд,**
**Зиҳӣ зебо, ки ин соат ҷавон шуд.**

Саъдии Шерозӣ дар асарҳои безаволи «Бӯстон» ва «Гулистон» низ аз мушоҳида ва тамошои лаҳзаҳои мафтункунандаи айёми наврӯзӣ илҳом ва таъсири эстетикӣ гирифта, таассуроти худро бо як лаҳни ширин рӯи коғаз овардааст:

**Бархез, ки меравад зимистон,**
**Бикшой дари сарои бӯстон.**
**Норинҷ бунафша бар табақ,**
**Манқал бигузор дар шабистон.**
**Бархез, ки боди субҳи Наврӯз,**
**Дар боғча мекунад гулафшон.**

Ҳамин тавр, таҳқиқ ва эҳёи намудани оину анъанаҳои бостонии Иди Наврӯз ва бузургдошти сатҳи баланди он, ҳамчун арзиши бебаҳо барои меросбарони ояндаи миллати мо вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад. Наслҳои моро зарур аст, ки аз таърихи хеш огаҳӣ ёбанд ва онро ҳамеша нигаҳдор бошанд.

**Г. ШАРИФОВА,**
**доктори илмҳои филология**

# БО УМЕДИ НАВ БА НАВ ҲАР РӮЗАТОН НАВРӮЗ БОД!

**Бар оламу бар одам, Наврӯз муборак бод,**
**Бар мамлакати хуррам, Наврӯз муборак бод!**

Боз ба куҳандиёри хушманзари мо фасли баҳор омад. Дашту даман гулпӯш гашта, кӯҳу камар, талу теппа пироҳани сабзи махмалин ба бар кардааст. Дар ин зеботарин фасли сол – баҳор, яке аз ҷашнҳои суннатии ниёгони мо, Наврӯзи оламафрӯз ҷашн гирифта мешавад. Хушбахтона, то ба имрӯз ин суннати неки ниёгон идома дорад:

**Наврӯзи Ватан иди ниёгони қадимист,**
**Наздик ба дилҳои ҳама ҷашни самимист.**

Наврӯз бо омади худ дасти мардумро мегирад, ба домани сабзу пургул ва озоду беканори табиат мебарад, ки гарму равшан аз офтоб, зебо аз ҳунармандии боду борон аст:

**Дӯстон ҷашни дилафрӯз муборак бошад!**
**Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад!**

Наврӯз яке аз қадимтарин ҷашнҳои мардуми ориёӣ буда, он ба оғози солшумории шамсӣ 1-уми моҳи фарвардин (ҳамал) ва ё 21 марти солшумории мелодӣ баробар меояд. Аз сарчашмаҳо маълум мешавад, ки Наврӯз таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Сарчашмаҳои таърихӣ ҷашни Наврӯзро ба Ҷамшед нисбат медиҳанд. Аз ҷумла дар «Наврӯзнома»-и Умари Хайём қайд шудааст, ки асосгузори ҷашни Наврӯз Ҷамшед аст. Сабаби Наврӯз ном ниҳодан он будааст, ки чун бидонистанд, ки офтобро ду давр будааст.

Яке он, ки ҳар 365 рӯзу рабъе аз шабонарӯз ба аввалин дақиқаи ҳамал боз ояд. Бо ҳамон вақту рӯз, ки рафта бувад баъд – ин дақиқа – натавонад омадан, чи ҳар сол аз муддате ҳаме кам шавад ва Ҷамшед он рӯзро дарёфту Наврӯз ном ниҳод. Гӯё офтоб дар 365 рӯз ду давр мезанад ва ду давр, ки ба охир расид, сол поён ёфта, моҳи ҳамал, яъне фасли баҳор сар мешавад:

**Расид айёми Наврӯзӣ, ба саҳро лола шуд пайдо,**
**Бурун омад зи ҳар хорӣ ҷафо гулғунчаи зебо.**

Мувофиқи ривояти халқӣ гӯё бахт ва файзу баракатро Иблис аз одамон медуздад. Вақте бахтро аз Иблис бозпас меоранд ва ҳамон рӯзро Наврӯз номиданд:

**Наврӯзу навбаҳорон бар дӯстон муборак**
**Фарёди андалебон дар бӯстон муборак!**

Ривоятест, ки гӯё Искандари Мақдунӣ ҳангоми истилои Суғд таҷлили ин иди пуршукӯҳро дар Истаравшан дида, дар ҳайрат мондааст ва фармудааст, ки сайри лола ва дигар гулҳои наврӯзӣ дар саросари диёри тасарруфкардааш ҷашн гирифта шавад. Баъд аз ин тантанаи иди мазкур дар тамоми Осиё паҳн гардидааст:

**Наврӯзу навбаҳорон ҳамду сано шуморо,**
**Булбул ба шохи ҳар гул хуш мезанад садоро.**

Пас аз истилои Осиёи Марказӣ арабҳо хостанд ин ҷашни бошукӯҳу гулбези ориёнажодонро зи байн баранд. Вале натавонистанд ва онро «суннати Ҷамшед» номида ба ҷашнгирияш иҷозат доданд. Арабҳо ба ивази ҳафтшин ( шакар, шамъ, шарбат, шароб, шинни, шир, шона) ҳафтсинро ҷорӣ карданд.



Яъне рӯйи дастархонро бо ҳафт неъмате, ки бо ҳарфи син оғоз мешуд, ороиш медоданд (сирко, сабза, суманак, санҷид, сир, сипанд, себ)

**Бародар, рӯзи Наврӯзат муборак!**
**Баробар шуд шабу рӯзат муборак!**

Дар давраи Шӯравӣ бо сабабҳои гуногун Наврӯз ҷашн гирифта намешуд. Хушбахтона, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашнгирии Наврӯз чун анъанаи ниёгон ба расмият даромад ва бо шарофати истиқлолияти кунунӣ Наврӯз бо ҳама шукӯҳу шаҳомати хоса ҳамасола дар саросари кишвар ботантана истиқбол гирифта мешавад.

Наврӯз иди зебоӣ, накӯӣ ва умедхост. Дар баробари ин иқтидори онро дорад, ки оламро мунаввару заминро гулбарсар, атрофро мушкбезу дилҳоро аз фараҳ лабрез, дидаҳоро пурнуру ғамро дур созад

**Ҷаҳон аз бодаи Наврӯз ҷавон шуд,**
**Зиҳӣ зебо, ки ин соат ҷаҳон шуд.**

Пухтани суманак яке аз суннатҳои Наврӯз аст. Суманак ба ақидаи мардум аз ҷумлаи таомҳои табаррук буда, суманакпазиро амри савоб ва хушбахтӣ мепиндоранд. Ҳамчунин аз иҷрои ин кор ҳавои хуб ва борандагиро интизор мешаванд. Аз ҳамин сабаб суманакро дар дастархони наврӯзӣ истифода мебаранд:

**Мон, ки хуб сабза давонад суманак,**
**Мон, ки хуб шира давонад суманак.**
**Мон, ки дар рӯи тафи лахчаалав,**
**Сӯхтан чист, бидонад суманак.**

Баҳору Наврӯзи оламафрӯзро бахри ҳамагон муборакбод мегӯям. Умеди онро дорам, ки Наврӯзи имсола ба диёри нозанину дилкаши мо файзу баракат ва шукуфоии бештареро ато месозад:

**Бахт, эй ёрон, шуморо ҳамдаму дилсӯз бод,**
**Бо умеди нав ба нав ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

**Р. ХАЙЛОЕВА, омӯзгори литсейи инноватсионии "Душанбе"**





**Биё, Наврӯз, Наврӯзи ҷаҳонӣ,**
**Халоиқро бубахшо шодмонӣ!**



## НАВРӮЗ МУБОРАК

**Эй ҷашми ҷаҳонбин, ба ту Наврӯз муборак,**
**Эй ботини бекин, ба ту Наврӯз муборак,**
**Эй миллати хушбин, ба ту Наврӯз муборак,**
**Эй якдилу якдин, ба ту Наврӯз муборак.**
**Эй лоиқи таҳсин ба ту Наврӯз муборак!**

**Эй силсилакӯҳҳои Ватан дар бари ҳам рост,**
**Дар рӯи замин кишвари ман аз ҳама зебост.**
**Ин мулки азиз оинапардози назарҳост,**
**Бо фоли наку омадӣ Наврӯз, ҳувайдост.**
**Эй соҳиби оин, ба ту Наврӯз муборак!**

**Эй ҷашма, ту фаввора бизан аз ҷигари санг,**
**Биштоб ту бар саргаҳи Роғун ба сад оҳанг.**
**Ин миллати ман миллати бофазлу бафарҳанг,**
**Берун бикашад нур аз ин об ба сад ранг.**
**Эй қуллаи тамкин, ба ту Наврӯз муборак!**

**Наврӯз муборак ба ту, эй дидаи бедор,**
**Наврӯз муборак ба ту, эй миллати меъмор.**
**Наврӯз муборак ба ту, эй халқи сазовор.**
**Наврӯз муборак ба ту, эй бахти падидор.**
**Эй соҳиби ҳафтшин, ба ту Наврӯз муборак!**

**Наврӯз муборак ба ту, эй халқи музаффар,**
**Овозаи ин миллати моро ба ҷаҳон бар.**
**Аз Рӯдакиву Мавлавӣ сад қисса намо сар,**
**Эй фазли Худододаву бо ақли тавонгар.**
**Эй соҳиби ҳафтсин, ба ту Наврӯз муборак!**

**Эй кабки дарӣ, қақра бизан дар камари кӯҳ,**
**Шодӣ бифизо, дур бинамо ҳар ғаму андуҳ.**
**Бо лаҳни хушат боз бубахшой ба мо рӯҳ,**
**Ин миллати ман лоиқи икрому таваҷҷуҳ.**
**Эй суннати дерин, ба ту Наврӯз муборак!**

**Раҷаб САИДӢ, Аълочии маорифи Тоҷикистон**

Аз ҳаёти ҳизбӣ



## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМИ РАҲНАМУНСОЗ



Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки раиси Ҳизби Халкии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсӣ Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло ҷаласаи Кумитаи ибтидоии ҳизбии «Фановар» баргузор гардид, ки дар он доир ба омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи мухтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ карда шуд.

Ҷаласаи ҳизбиро ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ҳусни оғоз бахшида, роҷеъ ба нуктаҳои муҳимму афзалиятноки Паём андешаҳояшро баён карда, онро Паёми раҳнамунсоз бахри рушду нумуи тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат, аз ҷумла илму маориф ва бехтар гардидани шароити зисту зиндагонии мардуми кишвар маънидод намуд ва бо арзи эхтиром суханро ба Шоҳиён Абдураҳим Маҳмадулло во гузошт.

Шоҳиён М. А. зимни суханронӣ дар баробари шарҳу тавзеҳи моҳияти Паёми Пешвои миллат, инчунин дар хусуси саҳми беназири ҲХДТ дар рушди ҳамаҷонибаи кишвар, мавқеи устувор доштани хар як аъзои ҳизб, рушди соҳибкорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, истифодаи дурусти интернет, шомил нагардидани ҷавонон ба хар гуна ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ, хуллас, аз даст надодани ҳушёриву зиракии сиёсӣ ҳарф зада, ҷавононро ба ватандӯстӣ, худшиносиву худогоҳии миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолият даъват намуд ва изҳори умед кард, ки Кумитаи ибтидоии ҳизбии "Фановар" чун ҳарвақта дар татбиқи Паёми имсолаи Пешвои миллат низ саҳми арзандаи худро гузошта, ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии азизамонро бо дастовезҳои арзанда истиқбол мегиранд.

Дар хотимаи ҷаласа ба 24 нафар омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёне, ки қаблан барои аъзо шудан ба ҲХДТ ариза пешниҳод карда буданд, шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида шуд.

**Р. МАСЪУД**

## ФОРУМИ ҶУМҲУРИЯВӢ

25-уми феврали соли 2021 озмуни «Беҳтарин лоиҳаи тиҷоратӣ дар соли 2020» ва дар ҳошияи он Форуми ҷумҳуриявӣ тахти унвони «Беҳтарин лоиҳаи тиҷоратӣ дар соли 2020», ки бо ибтикори Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе ташкил ва гузаронида шуд, ҷамъбаст гардид.

Дар форуми мазкур донишҷӯи курси 4-уми факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Рустам Алиев барои ишғоли ҷойи якум дар озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин лоиҳаи тиҷоратӣ дар соли 2020» аз ҷониби раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дипломи дараҷаи якум сарфароз гардонида шуд.




**Зафар АББОСИЁН,**
**мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

## БАҲОР ОМАД

**Баҳор омад, баҳор омад, чаман шуд**
**пургулу райҳон,**
**Нигор омад, Нигор омад, ду олам**
**шуд дар ӯ ҳайрон.**
**Баҳор омад, баҳор омад, равонро**
**тоза кун, эй дил,**
**Нигор омад, Нигор омад, ба Ҷонон**
**зинда шав, эй дил**
**Мафотеҳи ҷинон омад, наими**
**ҷовидон омад,**
**Насими Ҷони ҷон омад, зи сӯи**
**равзаи ризвон!**



Дар партави паём

# ВОХӮРИИ СУДМАНД



Дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев рӯзи 13-уми марти соли 2021 ҷиҳати омӯзиш ва шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, алалхусус вобаста ба вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризм ва экстремизм, ки мардуми оламро ба ташвиш овардаанд, вохӯрии озоду ошкорои сардори Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе, генерал-лейтенанти милитсия Назарзода Шариф Раҳмон бо омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баргузор гардид.



Вохӯриро бо сухани муқаддимавӣ ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур оғоз намуда, саҳми беназири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва нақши паёмҳои ҳарсолаи Роҳбари давлатро дар таҳкими сулҳу субот, мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ, рушди бемайлони тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ва сол то сол беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар муҳимму шоиста арзёбӣ кард ва бо камоли эхтиром суханро ба Назарзода Шариф Раҳмон во гузошт.

Ба туфайли ташаббусҳои наҷиб ва заҳматҳои шабонарӯзии Президенти мамлакат, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ, - гуфт Шариф Раҳмон, кишвари соҳибистиқлоламон – Тоҷикистони ва пойтахти он – Душанбешаҳр рӯз то рӯз ободу зебо ва сатҳи зисту зиндагонии мардуми он баланд гардида истодааст, ки ин пеш аз ҳама натиҷаи сулҳу субот ва ваҳдату якдигарфаҳмии мардуми шарифамон мебошад. Яъне тинҷиву амонӣ асоси рушду пешравии ҳар як давлату ҷомеа ба ҳисоб меравад. Хушбахтона, бори сеюм аст, ки кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол дар раддабандии байналмилалӣ ба даҳгонаи беҳтарин кишварҳои амн дохил гардидааст, ки ин бозгӯи таъмини сулҳу субот ва ҷаҳду талошҳои мардуми шарифи кишварамон таҳти роҳбарии оқилонаю хирадмандонаи Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Аммо боиси таассуф аст, ки рушди ҳамаҷонибаи мамлакат ва пешравиҳои онро барҳе нодида гирифта, бо ҳар роҳу восита меҳоҳанд, ки ин оромиву осоиштагиро халалдор созанд. Бо ин мақсад аз тариқи шабакаҳои иҷтимоии интернет баъзе аз ҷавонони ноогоҳу камсаводро бо ваъдаҳои бардурӯғу беасоси худ шомили ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро мегардонанд.

Аз ин рӯ, ҷавононии моро зарур аст, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надода, баҳри боз ҳам гулгулшукуфии кишвар ва мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ кӯшиш ба харҷ диҳанд. Номбурда дар идомаи суханронӣ ҷиҳати баланд бардоштани савияи донишу маърифатнокии ҷавонон ва соҳибкасбу соҳибмаълумот гардидани онҳо, пешгирии ҳар гуна ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунӣ изҳори андеша намуд.

Сипас ба саволҳои додаи аҳли нишаст роҳбарияти мақомоти милитсияи пойтахт ҷавобҳои қаноатбахш гардониданд.

Дар хотимаи ҷамъомад ба якчанд нафар кормандону донишҷӯёни фаъоли донишгоҳ, ки бо мақомоти милитсия ҳамкорӣ ва робитаи зич дошта, дар самти пешгирии кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ саҳми назаррас гузошта истодаанд, Сипоснома супорида шуд.

**Р. МАСЪУД**

# МОДАР, ВОҚЕАН ҲАМ ТУ БУЗУРГӢ!

Дар олам муқаддастар, азизтар, меҳрубон ва покизатар мавҷудоте нест, ғайр аз Модар. Тамоми ҳастии вуҷуди мо аз ӯст, зеро пас аз Офаридгор Модар офарандаи мост. Вақте ки калимаи модарро ба забон меорем пеши назар шахсе намудор мешавад, ки чашмони ӯ пур аз нур ва роҳи ҳаёти инсониро равшангар аст. Оид ба тасвири хусусиятҳои ин шахси бузург ва беназир олимон, нависандагон, рассомон чӣ қадар асарҳои назмию насрӣ навишта, бузургиву беназириашро ба қалам додаанд, ки хар яки он аз дигараш дида хубтару бехтаранд.

Дар ривоят ва ҳикматҳои исломӣ низ қадру қимат ва манзалату дараҷаи модарро баъд аз Худои бузург дуюм медонанд. Байти дилчаспи Халилуллоҳи Халилӣ тасдиқи гуфтаҳои болоянд:

**Модари фархунда**
**шогирди Худост,**
**Устоди дарсгоҳи кибриёст.**

Ҳикматҳои зиндагӣ низ чунин ривоятеро рӯи қоғаз овардааст, ки мантиқ ва фалсафаи бузургеро ифодагаранд. Ин ҷо танҳо овардани яке аз он ҳикоятҳоро ба мақсад мувофиқ донистам, ки чунин аст:

“Кӯдаке аз модараш пурсид:

- Агар биҳишт аз туст, чаро онро дар дастонат нагирифтӣ, балки зери пой гузоштӣ?

Модараш посух дод:

- Онро дар замин гузоштам то туро дар оғӯшам гирам”.

Воқеан, Модар шахсест, ки барои ҳастии фарзанди худ ҳамаи азобу машаққатро таҳаммул карда, тамоми боигарии худро бахри солимию хурсандии фарзандаш сарф менамояд.

Модар ягона нафарест, ки бар ивази хубиҳояш аз мо чизе намехоҳад.

Модаронро, ки аввал моро дар батни худ, баъд дар оғуши худ ва то охири умр дар қалби худ азиз нигоҳ медоранд, чӣ гуна метавон дӯст надошт?



Ягона зане, ки роҳамро доимо интизор аст ва муҳим аз ҳама бисёртар дӯстам медорад ин модарам аст.

Ба ифтихори ҷашни Рӯзи модар, ки дар сатҳи баланд таҷлил гардид модари худ ва дар симои ӯ тамоми модарони азизро табрик намуда, барояшон тамоми хушиҳои зиндагиро таммано дорам.

**Хукмуддин САМАДОВ,**
**унвонҷӯи кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.**

**Зи кӯйи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,**
**Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ**

**Ҳаво масеҳонафас гашту бод нофагушоӣ,**
**Дарахт сабз шуду мурғ дар хурӯш омад.**
**(Хоҷа Ҳофиз)**

# НАВРӮЗ ДАР ЧИН ВА ОЗАРБОЙҶОН

Дар қисмати ғарбии вилоятҳои Чин ҷашни Наврӯзро на танҳо қавмҳои турктабор, инчунин, чиниҳо низ истиқбол мегиранд. Дар ин рӯз мардум либосҳои идона ба бар намуда, бо гулдастаҳои зебо ва ҷуссаи аз гул тайёршудаи говмеш ҷониби ибодатгоҳ мераванд. Говмешро аз бамбук ва қоғазҳои ранга – сиёҳ, сафед, сурх, сабз ва зард омода мекунанд. Ин рангҳо рамзи 5 унсури коинотро (оташ, об, металл, дарахт ва гил), ки олам аз онҳо иборат аст, таҷассум менамоянд. Баъдан, назди ибодатгоҳ ҷуссаҳои гилиро шикаста, говмеши аз бамбук сохтаро оташ мезананд.

***

Дар Озарбойҷон бошад, Наврӯз чор ҳафта қабл аз бороншавии шабу рӯз таҷлил мегардад. Пеш аз Ахирчоршанбе - охири сешанбеи пеш аз Наврӯз оташ меафрӯзанд ва ҳар нафари дар ин маросим ширкатдошта, сарфи назар аз синну сол, аз болои оташ мепаранд. Чизи аҷибе, ки дар ин ҷашн ба чашм мерасад, ин рӯи мизи ҳар яке аз онҳо оина ва тухми рангкардашуда аст. Ба пиндори озариҳо, вақте ки тухм ба як тараф мегардад, он фарорасии Соли навро ифода мекунад.

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

# МАВЗӮЕ, КИ ИНТИҲО НАДОРАД

Рӯзи 6-уми марти соли 2021 дар саҳни донишгоҳ бахшида ба ҷашни Рӯзи модар ҷамъомади тантанавӣ гузаронида шуд. Сараввал табрикоти ректори донишгоҳро муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот Тошматов М.Н. ироа намуд. Маҳмуд Неъматович иброз доштанд, ки модар дар ҳақиқат бузургтарин, муқаддастарин ва меҳрубонтарин шахсе мебошад, ки ҷои ӯро касе ва чизе гирифта наметавонад. Дар бораи модар ва бузургии ӯ ҳарчанд шоирону нависандагон садҳо асар, шеъру тарона ва сурудҳо навишта, рассомони чирадаст симои зебову нотакрори онҳоро ба қалам дода бошанд ҳам, то ҳанӯз шаҳомату бузургӣ ва ҳамто надоштани ӯ пурра таҷассум нагардидааст ва ин мавзӯъ то дунё боқист, идома хоҳад ёфт.



Баъдан аз тарафи хонандагони литсейи инноватсионӣ ва ансамбли “Зуҳал”-и донишгоҳ барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ пешкаши омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯён гардонида шуд. Дар барнома сурудҳо дар бораи зан-модар, ки давомдиҳандаи насли мебошад, сароида шуд. Зикр бояд кард, ки барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ дар сатҳи баланд гузаронида шуд ва писанди ҳамагон гардид.

**Х. БАҲРОНОВА,**
**мутахассиси шуъбаи тарбия**

# «МОДАР ФАРИШТА БУД, ФАҚАТ БОЛУ ПАР НАДОШТ…»

**Модар фаришта буд, фақат болу пар надошт,**
**Шояд, ки дошт болу пар, аммо хабар надошт.**
**Ё дошт огаҳӣ зи пару боли хеш, лек,**
**Майли ҷудо шудан зи ману аз падар надошт…**
**Дар кӯдакӣ ба модари худ хостам барам,**
**Як ҳадя, лек ҷайби ман он лаҳза зар надошт.**
**Зар ёфтам ба гоҳи ҷавониву он замон,**
**Ҷуз ишқи ёр сина ҳавои дигар надошт,**
**Вақте ба ёди ҳадя фитодам, ки модарам,**
**Рӯи лабаш ба ғайри «видоъ эй писар» надошт…**
**Модар фаришта буд, пари худ кушода рафт,**
**Азбас илоҷ пеши қазову қадар надошт.**
**Модар фаришта буд, дақиқан фаришта буд,**
**Ҳатто ба дӯш болу паре ҳам агар надошт.**

**Озар САЛИМ**

## САДОҚАТИ ЗАН…

Аз қазо миёни зану шавҳар дилсардие ба миён омад. Бо азми барпо намудани оилаи нав мард иддаои ҷудошавӣ намуд. Аммо бонуи хонадон бо сабаби имтиҳон доштани фарзандашон аз шавҳараш хост, ки як моҳи дигар сабр кунад. Тӯли ин муддат ӯ беш аз ҳарвақта бо оилааш меҳрубон буду писарашро ба супурдани имтиҳон омода мекард. Ҳамзамон, тамоми шабҳо чизеро ёддошт менамуд.

Ғайриинтизор мард аз нияташ даст кашид, вале ҳамсарашро дар беморхона бистарӣ карданд...

Пас аз чанде шавҳар ҳамон дафтари ёддоштро боз кард, ки дар он навишта шуда буд: “Ҳамагӣ як моҳи дигар вақт доштанамро медонистам ва нахостам дар зеҳни фарзандамон нисбат ба ту бадбиние пайдо шавад”

**Таҳияи М. ҚОДИРОВА**

## ИХТИРООТИ ЗАНОНАЕРО, КИ МАРДОН ИСТИФОДА МЕБАРАНД

Бовар кардани мардон мушкил аст ба он, ки арраи даврзанандаро зан ихтироъ кардааст. Ин ҳолат соли 1810 рӯй дод. Замоне, ки бофанда Табит Бэббитт буридани чӯбро бо арраи дастӣ назора намуд, дид, ки арра танҳо дар ҳолати ба пеш ҳаракат кардан чӯбро мебурад ва дар бозгашт энергияи беҳударо сарф мекунад. Ҳамон замон Бэббитт ба коркарди ҳаммонанди арраи чарханда машғул шуд. Тааҷҷубовар ин аст, ки ӯ аз гирифтани патент даст мекашад, зеро амалаш хилофи аҳкоми ҷамъияти протестантҳое буд, ки зан узви он маҳсуб мегардид.

**Таҳияи**
**Раҷабалӣ ИСМАТУЛЛОЕВ**

# ДАРАҶАИ ИЛМӢ МУБОРАК!



Раёсат, ҳайати омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муаллими калони кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ Набиев Абдуғафор Ғиёсовичро барои ҳимояи рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Мукаммалгардонии технологияи истеҳсоли газворҳои кешбофӣ бо истифодаи унсурҳои ҳалқабандии накшдор” ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.19.02 – технология ва коркарди аввалияи мавод ва ашёи хоми нассоҷӣ, табрику таҳният гуфта, ба ӯ дар ҷодаи фаъолияти илмӣ – таҳқиқотӣ ва омӯзгориаш комёбиҳои нав ба навро орзуманданд

БА МУНОСИБАТИ 110-СОЛАГИИ УСТОД МИРЗО ТУРСУНЗОДА

# ТАСВИРИ ҶАНБАҲОИ МИЛЛИИ СИМОИ МОДАР ДАР ЭҶОДИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА



**Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати қадрдонӣ ва гиромӣ доштани хотираи Шоири халқии Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ 110-солагии устод ҷашн гирифта мешавад.**

Шоири халқии Тоҷикистон, дорандаи ҷоизаву мукофотҳои мухталифи ватаниву хориҷӣ ва қаҳрамони миллати тоҷик Мирзо Турсунзода воқеан ҳам яке аз чеҳраҳои намоёни қарни XX ба шумор рафта, тавассути осори пурарзишаш дар ташаккулу таҳаввули адабиёти муосири тоҷик ва ғановат гардонидани фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик хизматҳои шоёнро ба сомон расонидааст.

Чун ба ашъори гуҳаррези ин фарзонаи миллати тоҷик назар афканем, мушоҳида мекунем, ки дар ҳар як байти ӯ маънии амике ҷой дорад. Дар робита ба ин, ҳувияти миллӣ ва асолати тоҷикӣ дар ҳамаи навиштаҳои ӯ назаррас мебошад. Зимнан бояд таъкид кард, ки аз нахустин давронӣ пайдоиши адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то ба имрӯз масъалаи худшиносии миллӣ, тафаккури миллӣ ва ҳувиятшиносии тоҷикӣ яке аз муҳимтарин мавзӯъҳо ва рисолати азалии аҳли қалам шинохта шудааст. Бо вуҷуди тағйири сиёсатҳо, инқилобҳои таърихиву таҳаввули фарҳангии ачнабиён ин мавзӯъ меҳварияти худро дар матни адабиёти гузашта ва навини мо ҳифз намудааст, ки дар ҷараёни ҳифзи ҳувияти миллӣ, таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон хидмати Мирзо Турсунзода хеле бузург аст.

Вақте ки дар бораи ҷанбаҳои миллии ашъори ба зан ва модар бахшидаи М.Турсунзода сухан ба миён меоварем, пеш аз ҳама лозим аст дар боби заминаҳои зеҳнии шинохти ҳувияти зан-модар ва тафаккури миллии шоир сухан кард. Ба ифодаи адабиётшинос ва муҳаққиқи барҷаста Худоӣ Шарифов Мирзо Турсунзода дар айёми кӯдакӣ дар муҳити фарҳангӣ ва ҷаҳони қадимии миллӣ зиндагӣ карда, «аз ҳамин иҳота ва русуми зотии фарҳангиву адабии суннатӣ ва мардумӣ баҳра гирифта ва бо завқи таҷриба ва тарбияти таърихии худ пазируфта ва парвариш ёфтааст.» Аз ин назар, табиист, ки тафаккури миллӣ ва андешаи бадеии шоир низ дар ҳамин замина парвариш ва рушд ёфта, дар тасвир ва шинохти зан-модар хусусияти хос дорад. Яке аз ин хусусиятҳо тасвири махсусиятҳои миллии чеҳраи зан-модар аст, ки ифодагари ҷанбаи миллии осори шоир мебошад.

Дар заминаи осори шоир метавон гуфт, ки вай дар тарсими ин мавзӯъ ба ду меъёри намунаи бадеии тасвири симои зан таваҷҷуҳ кардааст, ки яке шахсӣ ва маҳрамона буда, як паҳлуи ҳастии зан - чеҳраи фардӣ, шахсӣ ва воқеии онро нишон медиҳад ва дигаре таъмилӣ буда, симои умумӣ, таърихӣ, иҷтимоӣ ва армониии зан-модарро таҷассум месозад. Алоқамандии ин ду ҷанбаи шахсияти зан хусусияти хоси ҷанбаи миллии осори Мирзо Турсунзодаро муайян мекунад, ки ин ифодагари мухтассоти адабиёти давраи зиндагии шоир низ ҳаст. Бинобар ин ҳам, барои муайян кардани ҷанбаи миллии шеъри ба зан-модар бахшидаи шоир омилҳои замонӣ ва тафаккури таърихии суннатиро, ки аз овони наврасӣ ва баъд ӯро фаро гирифтааст, набояд нодида гирифт. Зеро дар ин замина мактаби аввалини завқу маърифати адабии М.Турсунзода албатта, ҳамон муҳити фарҳангӣ ва оини зиндагии миллии аҷдодӣ будааст. Ҳақиқат ин аст, ки шоир заминаҳои омӯзиш ва парвариши хоси миллӣ дар хонадон дошт, ки ҷанбаҳои миллии ин мавзӯъро дар зеҳнаш шакл дод ва минбаъд рушд бахшид.

Мавзӯи зан яке аз муҳимтарин мавзӯоти таваҷҷуҳи М.Турсунзода буда, дар осори ӯ зан, пеш аз ҳама бештар ба сифати як модар чеҳра менамояд. Дар шеърҳои ба модар бахшидааш ӯ бар асли қареҳа, фитрат ва тафаккури миллӣ мерасад. Фосилаҳои ичборӣ ва маснӯии дар ин замина эҷодшударо фурӯ гузошта, аслу ҷаҳолати чеҳраи воқеӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва миллии модарро таҷассум менамояд, ки умқ ва решаҳои аслии эҳсосу афкор ва армони миллии ӯро ифода мекунад.

Аввалин шеъри М.Турсунзода дар ин мавзӯъ «Ба модарон» (1933), ном дошт ва он дар маҷаллаи «Барои адабиёти сотсиалистӣ» нашр гардида буд. Пеш аз ин шоир дар ҳикояҳои «Байроқи зафар», «Ғалаба» ва «Видоъ» симои занони тоҷики муборизро дар матни воқеияти сиёсию иҷтимоии солҳои сиюм офарид. Заҳро, Маҳбуба, Малика дар он навиштаҳо типи занони озодихоҳ ва мубориз буданд. Азму иродаи ин гуна занон, ки барои мавқеи инсонии худ дар ҷомеа талош меварзиданд, симои миллии онҳоро дар матни воқеияти иҷтимоии замона нишон медод.

Вале шеъри «Ба модарон» ҷанбаи хоси андеша ва армони миллии шоирро, ки ифодагари ифтихори миллии модарони он рӯзгор аст, таҷассум менамояд. Ин шеър ба мушоҳидаи А.Сайфуллоев шаклан низ нав буда, аз ҷустуҷӯҳои эҷодии шоир дарак медиҳад. Он чӣ ба ҷанбаи миллии ин шеър арзиш медиҳад, масъалаи бакоргирии суннатҳои миллӣ дар тарбияи наслҳо ва ба ин васила таъсир гузоштан ба симои маънавии инсон мебошад.

Шеъри «Модарам» ифодагари сарнавишти ҷомеи модари тоҷик буда, шоир бо тасвири дақиқ ва падид овардани саҳнаҳои тасвирии иҷтимоию маишӣ ва хӯю хислати таъмимии хоси модари тоҷикро таҷассум кардааст. Дар ин шеър на танҳо чеҳраи зебо ва комати мавзуни модари кӯҳистонӣ, ки кӯза бар сар ба лаби чашмасор барои об меомад, тасвир ёфтааст, балки як контрасти иҷтимоӣ таъкид шудааст. Шоир дар ин шеър на фақат вазъи иҷтимоии рӯзгори модари тоҷикро мушаххас тасвир кардааст, балки бо эпитетҳои шоирона, ифодаю таъбирҳои балеғ чеҳраи миллии қаҳрамонашро офаридааст, ки мушаххасоти миллӣ дорад.

Ҷанбаи миллии шеърҳои ба модар бахшидаи Мирзо Турсунзода он ҷунон қавист, ки ин гуна шеърҳои ӯ аз ашъори ҳамсони шоирони дигар ба куллӣ фарқ доранд. Ин фарқият, пеш аз ҳама дар заминаҳои миллии таърихию фарҳангӣ ва кашфи хӯю хислати қаҳрамононаи модарон ифода гардидааст.

Шеъри «Дили модар»-и М.Турсунзода заминаи хоси миллӣ дошта, ҷанбаҳои амиқи фарҳангӣ, ки эҳсосу андешаҳои шоирро дар бораи модар шакл додааст, дар бар мегирад. Шоир дар ин шеър симои модаререо офаридааст, ки сарнавишташ аз матни таърихи миллат ҷудо нест. Шоир заҳмат ва ранҷи модарро аз зарбони худи ӯ бозгӯ мекунад, ки ин то ҷое ифодагари ғурури миллии шоир дар ҳифзи асолати зан мебошад. Шеър дар тавсифи эҳсоси поки инсонӣ, ки хоси модари тоҷик аст, гуфта шуда, дар шеъри тоҷикӣ бесобиқа мебошад:

**Агар аз гиря кардан об мешуд дил,**
**дили ман буд,**
**Ба сели ашк мешуд ғарқ манзил,**
**манзили ман буд.**
**Агар осон намегардид мушкил,**
**мушкили ман буд,**
**Ба зери мавҷи дарё монда соҳил,**
**соҳили ман буд.**

**Кибриё НУРОВА,**
**дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ**

# МАСЪУЛИЯТИ КИТОБДОР

**«Китобхона ганҷинаи ҳикмати бузургест, ки ҳар шахси бо умед аз дари он воридгардида, як ҷаҳон ғизои маънавӣ мегирад. Ҳар нафаре, ки ба ин даргоҳи илму маърифат меояд, ба дунёи рангини илму маърифат ва зебоӣ ворид мешавад".**
**Эмомалӣ Раҳмон**

Воқеан, китобхона ҳикмату маърифати эҷоди тафаккури инсоният аст. Макони маонист, махзани илму дониш, тарбиятгари ақли инсонию комилсози рӯҳи ӯст. Алалхусус дар ҷомеаи имрӯзаи мо мақоми китобхона хеле бузург аст. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», завқу шавқ, меҳри китобдӯстию китобхонӣ дар замири ҳар сокини кишварамон, зиёд гардид ва боиси хушнудист, ки ҳамагӣ рӯ ба китобу китобхона овардаанд. Дар ин росто саҳми Китобхонаи миллии Тоҷикистон, ки калонтарин дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, беандоза аст. Зеро ин кохи боҳашамат хазинаи бузурги хирад буда, ганҷинаи пурғановати миллати тоҷик аст, ки ҳикмати қарнҳоро дар авроқи китобҳояш нуҳуфта дораду баҳри мутолиа ба хонанда пешкаш медорад. Яқинан тавонистаю метавонад ҳар хостаи хонандаи асилро бароварда созад. Толорҳои пур аз хонандагонаш гувоҳи ин назар аст. Китобхона, ки бо шароити пешрафти техникаву технологияи иттилоотӣ муҷаҳҳаз аст, хизматрасонии библиографиро низ мутобиқ ба замони муосир роҳандозӣ кардааст.

Баҳри вусъати рушди соҳаи китобу китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкориҳои тарафайну судманди худро бо хонандагон ва бо ташкилотҳои хурду бузургӣ муассисаҳои таҳсилоти миёнаю олӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ муваффақона роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла, ҳамкориҳои тарафайнаш бо Китобхонаи илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон пайваста сурат мегирад. Этикаи китобдорӣ, хизматрасонии библиографии сатҳи олӣ, муомила бо хонандаро метавон аз китобдорони ин китобхона омӯхт. Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки ҳар китобдори ин даргоҳ аз мактаби бузурги илму маърифат ва фарҳанг бархӯрдоранд. Бо рафтору муомила, донишу соҳибтахассусии худ, ҳозирҷавобию хизматрасонии сатҳи олӣ, дилсӯзии ҳарҷи бештар бо китоб, ҳифзу амн, нигоҳдории китобҳо, сарпарастии содиқу вафодор нисбат ба китобашон шуморо мафтун месозад. Барои ҳифзи ҳар варақе аз китоб, дар якҷояги тамоми шуъбаҳо талош меварзанд. Аз ин ҳама меросу фарҳангу санъат, арзишҳои баланди миллӣ, маънавияти инсон барои ва байни нарафтану нобуд нагардидан ҷаҳду талош мекунанд. Китобҳо бароишон ин қадар азизанд, ки ҷон барои бадан. Пас ин аст ватанпарастӣ, ватандорӣ, ин аст хидмат ба халқу миллат, ин аст китобдори асил. Дарвоқеъ фаъолияти китобдорони Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои дигар китобдорони китобхонаҳо боиси омӯзишу таҷрибаи касбист.

Агар тӯли қарнҳо ба туфайли хидмати арзишманди китобхонаю китобдор ин ганҷинаи маънавии инсон ҳифзу нигаҳдорӣ шуда то наслҳои имрӯза расидааст, пас масъулияти ҳар китобдӯсту китобдори имрӯз низ ҳаст, ки таърих паёми имрӯзро ба василаи китоб ба наслҳои фардо расонад. Барҳақ пайи ин иқдоми нек хиссу иҷрои масъулияти ҳар чиз бештар намоён аст, дар симои китобдори китобхонаи миллӣ. Китобдор шахси бофарҳангу донишманд аст. Ҳамарӯз бо китоб сару кор мегирад, огоҳона баҳра мегирад, ҷаҳони маънавии ғанӣ дорад ва ҷавҳари ин омӯхтаҳоро таҷриба дар раванди хизматрасонии библиографӣ боз ҳам подоши хонандаи худ месозад.

Бекназар Аҳмадов, Ҷӯрабой Раҷабов дар китоби “Мақоми китоб дар фарҳанги мардуми тоҷик” нигоштаанд. ”Китобхонаҳо сарвати бузурги фарҳангию маърифатӣ, илмию хизматрасонӣ мебошанд. Онҳо дар захираҳои худ ҳазорҳо, миллионҳо нашрияҳои чопӣ, дастхатҳои қадимаро оид ба ҳамаи соҳаҳо нигоҳ медоранд ва барои истифодаи одамон онҳоро омода месозанд”. Ва ин ҳама нигоҳдории китоб, дастхатҳою нашрияҳо ба омодагардонии маводҳо ба хонанда коркардҳои библиографӣ аз ҷониби китобдорон амалӣ мегардад. Вале барҳе аз хонанда нодида мегирад ин ҳама заҳматҳорову мушкилӣ эҷод мекунад барои китобдорон. Саҳифаҳои китобро меканад ва ё хат мекашад ва ё китобҳоро ба китобдор барнамегардонад.

Ва ин аст заҳмати пурарзиши китобдор, ки боз ҳам барои раҳнамоии хонанда ва роҳҳои ҷустуҷӯи адабиёт, баргузории чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ, рӯнамоиҳои китоб, хулосаҳои библиографӣ, шабҳои эҷодию маҳфилҳои адабӣ, конфронси хонандагон, ташкили намоишҳои китобу матуботи даврӣ ва омоданамоии дастурҳои методию библиографӣ ва дигар хизматрасонии библиографӣ ва ҷалбу таваҷҷуҳи ҷомеа ба китобу китобхонӣ талош меварзанд ва барои хонанда заҳмат мекашанд. Китобдор аслан шабеҳи боғбон аст. Агар боғбон нигоҳбони боғест, китобдор нигоҳдорандаи мероси ниёгону маънавиёт, фарҳанг, таърихи гузаштаю муосири миллат.

**Тағойгули САЪДУЛЛО,**
**китобдори Китобхонаи илмии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

## ДАР ТИҶОРАТ ХИЁНАТ МАКУН

Марде рамаи гӯсфанд дошт. Ӯро чӯпоне буд бағоят порсо ва солеҳ. Ҳар рӯз шири гӯсфандонро дӯшида, ба назди соҳибаш мебурд. Он мард чанде об бо шир ҳамроҳ карда, аз чӯпон мехост, то онро бифурӯшад. Чӯпон чандон он мардро насиҳат мекард ва панд медод, ки бо мардум хиёнат макун, аммо гӯш намедод.

Рӯзе гӯсфандонро дар рӯдхона бихобонд ва худ дар баландие рафту бихуфт. Фасли баҳор буд, борон рехт, селе сахт андар рӯдкада омад. Ва гӯсфандонро бибурд ва ҳалок кард. Рӯзи дигар чӯпон ба хонаи соҳиби гӯсфандон бе шир омад. Мард пурсид, ки «Чаро шир наовардӣ?»

Чӯпон гуфт: «Эй хоҷа, ман нагуфтам, ки об бар шир наёмез ва хиёнат макун. Он обе, ки ба мардум ба нархи шир дода будӣ, ҷамъ шуда гӯсфандони туро бибурд».

Он мард пушаймон шуд, аммо пушаймонӣ дигар суд надошт.

**Таҳияи Фахриддин Заробиддинов**

## СУВОРОВ



Ҳангоми амалиёти ҷангӣ бар зидди Швейтсария иттифоқчиёни Русия – қушунҳои австриягӣ бо ҳар баҳона аз иҷрои ӯҳдадориҳои худ саркашӣ карда, тамоми вазниниро бар дӯши аскарони рус вомегузоштанд. Вале ҳамин ки ғалаба ба даст омад, аввалин шуда пешниҳод намуданд, ки бояд медали махсус таъсис дода, ба ҷанговарони фидоияшон ҳамчун хотира тақдим кунад. Сарфармондеҳи амалиёт генерал – фелдмаршал Александр Василевич Суворов аз ташаббуси иттифоқчиён огоҳ шуда, чунин амр медиҳад:

- Майлаш, медал созанд. Вале бигзор дар як тарафаш герби Русия бо навиштаҷоти "Худо бо мост!" ва дар тарафи дигараш герби Австрия бо навиштаҷоти "Худо бо русҳост!" ҳатман ҳаккокӣ шавад.

**Аз русӣ тарҷумаи Фараҳзод Қурбоналӣ**

Ин аҷиб аст

## МОҲҲОИ ДАРОЗУ КӮТОҲ ДАР МУШТ

Баъзан, шумо кадом моҳ аз 30 ва кадомаш аз 31 рӯз иборат буданашро фаромӯш мекунед. Агар тақвим надошта бошед, метавонед барои муайян кардани моҳҳо муштҳои худро истифода баред. Яъне буғуми ангуштҳо моҳҳои дароз (31 рӯз) ва байни онҳо моҳҳои кӯтоҳро (30, 29, 28 рӯз) нишон медиҳад.

**Таҳияи Гулистон Мавлоназарова**

## ЧАНД ДАЛЕЛИ ҶОЛИБ

Коғаз соли 153 пеш аз мелод кашф гардид. Онро аз бамбук ва мағзи чӯб тайёр намуданд, ки пора карданаш ғайриимкон буд.

***

Соли 1810 ба Фридрих Кенинг муяссар шуд, ки дастгоҳи чопиро мукаммал намояд. Мошинаи ӯ ҳамон вақт дар як соат 400 варақ, соли 1814 – ум 1000 варақ чоп мекард.

***

Соли 1864 олими амрикоӣ Вилям Балок мошинаи наве ихтироъ намуд, ки дар як вақт ду тарафи коғазро чоп карда метавонист. Он як километр коғазро дар се дақиқа нашр менамуд.

**Таҳияи М. Қодирова**

Рекламаи аввалин

## САГИ ШОҲ ГУМ ШУДААСТ!

Нахустин реклама (эълон) дар саҳифаи рӯзномаи англисӣ соли 1657 пайдо шуд. Рекламаи хусусии нахустин дар бораи гум шудани саги шоҳ Карли II буд.

**Таҳияи С. Фарзона**

## ДОНИСТАН ХУБ АСТ

1. Христофор Колумб ба соҳилҳои Америкаи Марказӣ танҳо дар вақти экспедитсияи чоруми худ расид, дар се экспедитсияи пешин ӯ ҳатто аз Куба онтарафтар нарафта буд. Бо вуҷуди ин, ӯ то дами марг бовар дошт, ки Ҳиндустони Ғарбиро кашф кардааст. Ҳатто халқи кашфнамудаи Колумбро дар Аврупо ҳиндуҳо ном мебурданд.

2. Император Николайи I он қадар мусиқиро бад медид, ки ба афсарони гунаҳгор ду шакли ҷазо муайян карда буд: маҳкум кардан дар губа ё пурра гӯш кардани ду опера.

3. Қувваҳои ҳарбӣ – баҳрии ИМА соли 1775, як сол пештар аз худи давлат таъсис ёфтаанд.

4. Малика Виктория аз 20 июни соли 1837 Британияи Кабирро 63 сол, яъне бештар аз ҳама шоҳони британӣ идора кардааст.

Маликаи Англия Ҷейн Грей бошад, моҳи июни соли 1553 дар тахт ҳамагӣ 9 рӯз монд ва бо ҷурми ғасби ҳокимият ба қатл расонида шуд.

**Аз русӣ тарҷумаи М. Сӯфизода**

"Duздӣ гарави саломатӣ"

## Ё ДЕВОНА БА КОРИ ХУД ҲУШЁР АСТ

Дар иёлати Каролинаи Шимолии ИМА шаҳрванд Ҷеймс Верон ба дуздии "гӯшноушнид" даст зад. Ӯ ҳамагӣ 1 долларро ба яғмо бурду зуд худро ба полис таслим кард.

Сабаби ин ҳодиса, вазъи ташвишовари сиҳатии Ҷеймс буд ва натавонист барои барқарор намудани саломатӣ суғуртаи тиббӣ ба даст орад. Зеро дар ИМА масъалаи аз ҳама вазнин гирифтани суғуртаи тиббист. Аз ин сабаб, ӯ бо "зиракии сиёсӣ" қасдан аз хазинаи бонке 1 доллар рабуд, то пушти панҷара равад. Зеро медонист, ки мувофиқи конунҳои ҷории кишвараш хизматрасонии тиббӣ дар зиндон ройгон аст.

Ҳамин минвол, Ҷеймс барои дуздии 1 доллар 3 сол паси панҷара нишаст ва дар ин муддат ҷарроҳӣ шуда, саломатиашро барқарор кард.

**Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур**

## КИТОБХОНӢ ДАР БРАЗИЛИЯ МУҲЛАТИ АДОИ ҶАЗОРО КАМ МЕКУНАД

Дар Бразилия қонуне амал мекунад, ки бар асоси он маҳбусони чаҳор зиндони ин давлат имкон доранд, бо хондани китоб муҳлати адои ҷазои худро кам кунанд ё ба озодӣ бароянд. Матни қонун дар рӯзномаи давлатии "Diario Oficial da Uniao" нашр шудааст.

Тибқи муқарраррот, маҳбусон вобаста ба китобҳои хондашуда имтиҳон месупоранд ва аз рӯи мазмуни он иншо менависанд, ки комиссияи вижае онро назорат мебарад. Дар сурати комёб шудани маҳбус ҳар китоби хондаи ӯ аз муҳлати ҷазояш 4 рӯз кам мекунад. Дар ҳамин ҳол, агар муайян гардад, ки маҳбусони иштирокчии барнома ҳангоми навиштани иншо матнҳоро рӯбардор кардаанд, аз чунин имтиёз маҳрум хоҳанд шуд. Барои зиндониён дар як сол мутолиаи 12 китоб тавсия шудааст.

**Таҳияи Гулнисои Саъдоншо**

## ҶОРҶ ВАШИНГТОНИ САРФАКОР

Ҷорҷ Вашингтон (1732-1799), Президенти нахустини ИМА (1789 - 1797), мубориз роҳи озодӣ, яке аз асосгузорони Амрико ва падари миллат, дорои иродаи қавӣ, ҷаҳонбинии васеъ, ҳамзамон, тамоми умр



беандоза сарфакор буд. Ҳамин аст, ки акси ӯро дар воҳиди пулии камтарин - 1 доллара ҷой додаанд. Ӯ бухгалтерияи оилавӣ дошт ва ба пул хеле эҳтиёткорона муомила мекард.

Баъди ду муҳлати президентӣ ба ягон вазифаи давлатӣ майл накард ва то охири умр ба зироатпарварӣ машғул шуд.

**Таҳияи А. Кудратулло**

## ЧАРХИ БАЛАНДТАРИН

Баландтарин чархи саворию тамошои дунё – Singapore Flyer бо баландии 165 метр дар Сингапур ҷойгир мебошад. Он дорои 28 кабина буда, дар ҳар кабина 28 нафар озод ҷой мегирад. Нархи як маротиба савор шудан 21 доллар ва муҳлати як бор чарх задан 28 дақиқа аст.

**Таҳияи Матлуба Шарифова**

## МОТСАРТ ДАР ХУРДӢ КАЛОНКОР БУД

Шоири шаҳири рус Александр Пушкин ба ҳунари волои оҳангсози маъруфи ҷаҳонӣ Мотсарт эҳтироми



воло қоил буду ӯро шоҳи санъат мехонд.

Барои шоир, воқеан, аҷиб буд рӯзгори тифлии ҳунарманд. Ӯ ҳанӯз дар чорсолагӣ сари асбоби мусиқӣ нишаста, машғули эҷод мешуду на танҳо мусиқӣ, балки оҳанги дилнишин меофарид ва бо асбоби қадимаи пианиномонанд барномаи консертӣ омода менамуд. Дар шашсолагӣ скрипканавози моҳир буд. То ҳаштсолагӣ бо ҳоҳари соҳибистеъдодаш тамоми кишварҳои Аврупоро сайр карда, дар шаҳрҳои Вена, Париж ва Милан бо барномаҳои ҷолиби консертӣ табъи ҳаводоронашро хуш кард. Ҳатто дар назди қароргоҳи шоҳи Фаронса, дар Версал бо ҳунари волояш шоҳу дигар ашрофзодаҳои фаронсавиро ба ваҷд оварда буд.

**Таҳияи Меҳрангез Қодирова**

## 40 СОЛ СӮЗАН ДАР МАЙНАИ САР

Сокини 41 – солаи шаҳри Сзинани Чин 20 сол пеш ба дарде гирифтор шуда ба зӯр дасту пойҳояшро ҳаракат медод. Ба даҳҳо беморхонаву дармонгоҳҳо рӯи ниёз овард. Вале ягон табиб давои дарди ӯро наёфт. Билохир, як табиби шаҳри Пекин, ки ба вай зани азоби алим кашида мурочиат намуд, сабаби беморио муайян кард. Маълум шуд, ки 40 сол пеш, вақте ки ҳанӯз тифл буд, ба сари устухони ҳанӯз шахнашудаи ӯ сӯзане, шояд модараш афтонда бошад, чун неши занбӯр фӯру рафтааст. Баъди 20 сол сараш ба дард даромад ва ӯ 20 соли дигар дар азоб буд. Танҳо баъди аз сараш берун овардани сӯзан, вай оҳи сабук кашид, зеро дард дар они воҳид аз баданаш ғайб зад. Ба қавли табиб, сӯзан ба як ҳуҷайраи майнаи сар, ки вазифаи ҳаракатро идора мекунад, фишор дода, дарди ҷонгудозро падид меовардааст.

**Таҳияи Қурбон Мадалиев**

## 700 МИЛЛИОН ДОЛЛАРИ ИМА НАРХИ ЯК ҚОЛИН

Қолини калонтаринро бо фармоиши шоҳи Арабистони Саудӣ соли 2007 бофтанд ва он баъд аз як сол ба истифода супурда шуд.

Ба бофтани қолин 1200 зан ҷалб шуда, ҳаққи хизматашон 1 миллиону 200 ҳазор доллари ИМА – ро ташкил додааст.

Қолинро дар Нишопур зери назорати устои қолинбоф Алӣ Холиқӣ бофтанд. Нархи қолин 700 000 000 доллари ИМА буда, вазни он 47 тонна ва ҳаҷмаш 5 ҳазору 627 метри мураббаъро ташкил медиҳад.

**Таҳияи Кароматулло Ато**

# ФЕСТИВАЛИ ШАҲРИИ «ЧАКОМАИ ГЕСӮ»

Дар фестивали шаҳрии «Чакомаи гесӯ», ки аз бахшҳои гуногун, аз ҷумла, композитсияи адабӣ, намоиши ороиши муйбофӣ бо либосҳои қадима, муосир, пардозгарӣ аз ҷониби машшотагон, анъанаҳои миллӣ ва бахши фарҳангӣ иборат буд, донишҷӯдухтарони донишгоҳ фаъолона иштирок доштанд.

Дар фестивал ҳамчунин ашъори баландпоя ва суруду рақс, ривояту таронаҳои мардумӣ оид ба ҳусну таровати рӯй, ҷозибаи гесӯ, сарулибос ва ороишоти миллӣ, истифодаи маҳсулоти табиии ватанӣ дар парваришу нигоҳубини рӯйю мӯй, муҳофизати пӯсти дасту рӯй тарғибу ташвиқ гардид.

Дар фестивали мазкур коллексияи либосҳои донишҷӯи курси 4-уми факултети технология ва дизайни донишгоҳ Фарида Саидова муаррифӣ гардид, ки аз ҷониби аъзои ҳакамон баҳои баландро сазовор гашт.

Дар фарҷоми Фестивал ғолибони бахшҳои он ва иштирокчиёни фаъол бо дипломи сипоснома ва ҷоизаи махсуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе сарфароз гардонида шуданд. Аз ҷумла, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо Сипосномаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қадрдонӣ карда шуд.



# ВУСЪАТИ КОРҲОИ ОБОДОНИЮ ХУРРАМГАРДОНӢ

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар робита ба мурочиатномаи раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ дар бораи «Шаҳри сабз» табдил додани пойтахти кишварамон шанбегӣ ва ҳашарҳои умумидонишгоҳӣ гузаронида, ба ин васила дар амалӣ намудани ин иқдоми нек, ки ба сабзу хуррам ва беҳтар гардидани вазъи экологии пойтахти кишварамон – Душанбешаҳр мусоидат менамояд, сахми арзандаи хешро мегузоранд.



## Мусобиқаҳои варзишӣ ба ифтихори ҷашнҳои миллӣ



Донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010202-и факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, иштирокчии мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, дорандаи медали нуқраи Осиё, номзад ба устоди варзиш аз намуди лижаронии кӯҳӣ Саидшариф Эшонов дар мусобиқаи лижаронии кӯҳӣ байни ҷавонону калонсолон бахшида ба ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 6-ум то 14-уми феврали соли 2021 гузаронида шуд, сазовори ҷойи якум ва медали тилло гардид.

## Санъати муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ



Дар мусобиқаи кушод оид ба санъати муҳорибаҳои омехтаи ғайрикасбӣ (ММА), ки дар вилояти Суғд байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон ба муносибати Рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шуда гузашт, донишҷӯи курси 1-уми факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбии донишгоҳ Ёқубҷон Халилов бо ба даст овардани пирӯзӣ дар вазни 93 кг, аз ҷониби раиси Федератсияи муҳориботи омехтаи вилояти Суғд бо Ифтихорномаи дараҷаи 1 ва медали тилло сарфароз гардонида шуд.

**Ёсуман Мусоева, мутахассиси шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**

## Футбол

Аз 22-юми феврал то 3-юми марти соли 2021 дар донишгоҳ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ мусобиқаи варзишӣ аз намуди футболи хурд миёни донишҷӯён баргузор гардид.

Дар мусобиқа дастаҳои 7 факултети донишгоҳ фаъолона ширкат варзида, ғолибон ба таври зайл муайян гардиданд:



Ҷойи 1-ум факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.
Ҷойи 2-юм факултети иқтисодиёт ва молия.
Ҷойи 3-юм факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ.

Ғолибони ҷойҳои ифтихорӣ бо Ҷом, медал ва Ифтихорнома сарфароз гардонида шуданд.

## Шоҳмот

5-уми марти соли ҷорӣ дар байни донишҷӯёни донишгоҳ бахшида ба иди байналмилалии Наврӯз мусобиқаи шоҳмот гузаронида шуд. Дар мусобиқа дастаҳои факултетҳои донишгоҳ ширкат намуда, ҷойҳои ифтихории зеринро ба даст оварданд:

Ҷойи 1-ум факултети иқтисодиёт ва молия.
Ҷойи 2-юм факултети технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ.
Ҷойи 3-юм факултети муҳандисӣ-технологӣ.

## Тенниси рӯи миз

Бо ибтикори шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш ва кафедраи тарбияи ҷисмонии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, рӯзи 5-уми марти соли 2021 миёни донишҷӯёни донишгоҳ бахшида ба ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ мусобиқаи тенниси рӯи миз баргузор гардид. Дар мусобиқа дастаҳои факултетҳои донишгоҳ ширкат варзида, ҷойҳои зеринро ишғол намуданд:

Ҷойи 1-ум факултети телекоммуникатсия ва таълимоти касбӣ
Ҷойи 2-юм факултети технология ва дизайн
Ҷойи 3-юм факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ.

Мусобиқаҳои варзишӣ аз намудҳои волейбол ва баскетбол идома доранд.

**Маҳмадалӣ ШЕРОВ,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиш**


Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ғаффоров А.А., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3


Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.


*Рӯзнома 25 октябри соли 2020 таҳти № 224/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 1500 нусха.*